

*Эй табиби ҳозиқи ман!*
*Дар набарди зиндагию марг ҳастӣ посбони зиндагӣ.*

Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад

# ШИФО

№8 (8) 25.06.2018 | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон



## МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ “МЕДАЛИ СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ” БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ТАМОКУ

Нимаи дуюми рӯзи 19 июн дар Бӯстонсаройи шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати “Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи тамоку” маросими супоридани “Медали Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ” ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Мукофоти олиро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ Игор Поканевич супорида, ба саҳм ва нақши Президент ва Ҳукумати кишвар баҳри таъмини солимии ҷомеа баҳои баланд дод.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарфароз гаштан ба ин шарафи бузургро пеш аз ҳама самараи заҳмату талошҳои пайвастаи тамоми ҷомеаи Тоҷикистон дар роҳи ташаккули тарзи ҳаёти солим арзёбӣ карданд.

Мубориза алайҳи тамокукашӣ яке аз афзалиятҳои тадбирҳои амалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷтимоӣ мебошад, зеро корҳое, ки дар Тоҷикистон дар самти мубориза алайҳи тамоку анҷом меёбанд, қабл аз ҳама ба беҳдошти саломатии ҷомеа равона гардидааст.

**www.president.tj**

### Сухан ҳам давост

Ҳар ҷо, ки ҳунари тиббу дармон мавриди таваҷҷуҳ бошад, дар он ҷо таваҷҷуҳ ба инсоният низ вуҷуд дорад.

***Буқрот***

### РУШДИ БОСУРЪАТИ БАХШИ ПАЙВАНДСОЗИИ УЗВУ БОФТАҲО ДАР КИШВАР

Соҳаи тандурустӣ аз аввалин рӯзҳои соҳибистиқлолии кишвар дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҳукумат қарор гирифт ва яке аз соҳаҳои авлавиятдоштаи ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёфту ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Сиёсати хирадмандонаву дастурҳои ояндабинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки пештару бештар ба солимии аҳолӣ, ҳифзи тандурустии ҷомеа ва рушди бомайлони соҳаи тиб нигарониda шудаанд, барои инкишофу такмил ва тавсеаи доираҳои амали бахшҳои мухталифи тандурустӣ заминаҳои мусоиду имкониятҳои васеъро фароҳам овардаанд. Дар партави сиёсати дурандешонаи роҳбарияти давлату ҳукумати кишвар сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дараҷаи тахассусмандии кормандони соҳа сол ба сол беҳтар гардида, барои беморони дохиливу хориҷӣ шароити замонавии табобат ва муолиҷаи дастрас муҳайё мешавад. Тайи солҳои охир дар кишвар шуъбаву марказҳои тиббие ифтитоҳ ёфтанд, ки вобаста ба самти фаъолият ва ҳайати мутахассисонашон натанҳо дар минтақа, балки дар дунё камназиранд.

Муассисаи давлатии “Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон” аз зумраи он марказҳои тиббиест, ки аз лиҳози муолиҷаи муосиру самаранок ва

***Давомаш дар саҳ.4***

БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ҒИЗОИ СОЛИМ ДАР ВОХӮРИИ САИДА УМАРЗОДА БО ГЕРДА ВЕРБУРГ саҳ.3

БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ МИЛЛӢ ОИД БА ВНМО саҳ.5

ГӮШРО ЭҲТИЁТ БОЯД КАРД! саҳ.7

Гиёҳдармонӣ ХАРДАЛ саҳ.8

# ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САТҲИ БАЛАНД ОИД БА ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018-2028”

Субҳи рӯзи 20 июн дар Кохи Сомони бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ба кори худ оғоз кард.

Барои иштирок дар ин конфронс сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Покистон, Туркманистон, Афғонистон, беш аз 1500 коршинос аз зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон ва даҳҳо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Ҷараёни кори конфронс мустақиман тавассути ҳамаи шабакаҳои давлатии телевизион ва радио пахш гардида, рафти кори онро шумораи зиёди хабарнигорони дохил ва хориҷ инъикос карданд.

Мавриди зикр аст, ки даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба ҳалли мушкилоти оби ошомиданӣ ташаббус ва иқдоми чоруми созандаи ҷониби Тоҷикистон мебошад ва аз рӯйи он қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид бо ҷонибдории амиқи кулли кишварҳои аъзои ин созмони бонуфуз қабул шудааст.

Соли 2018 дар айёми таҷлили Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва Рӯзи ҷаҳонии об - 22 март раванди татбиқи ташаббуси нави глобалии ҷумҳурии мо - Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018 - 2028” расман оғоз гардид.

Қабл аз оғози чорабинии сатҳи баланд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи сарони давлатҳову ҳукуматҳо, роҳбарони ҳайатҳои кишварҳо ва коршиносони байналмилалиро дар даромадгоҳи Кохи Сомон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Дар ҳамин ҷо маросими хотиравии аксбардории Сарвари давлат бо роҳбарони ҳайатҳо ва созмонҳову кишварҳои иштирокчии конференсия баргузор шуд.

Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” бо суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тахти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода оғоз ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ҳамаи иштирокчиёни Конференсия, аз ҷумла сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, намояндагони ҳайатҳои кишварҳои олам ва роҳбарони воломақоми ташкилоту созмонҳои бонуфузи сайёраро ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки аз рӯйи натиҷаҳои чорабинии имрӯза, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон доир мегардад, ҷиҳати татбиқи ҳадафу вазифаҳои дар сатҳи байналмилалӣ дар арсаи захираҳои об мувофиқашуда иқдомоти амалии муассир сурат хоҳад гирифт.




Ҳамчунин изҳори итминон карда шуд, ки конфронси имрӯза барои таҳияи тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба мавзӯъҳои ҷаласаи дарпешистодаи Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи шашум оид ба захираҳои об муҳокима мегардад, имконоти мусоид фароҳам меорад.

Таъкид гардид, ки мо ба пешбурди Даҳсолаи нав бо такя ба таҷрибаи бисёр муфиди дар ҷараёни амалисозии ташаббусҳои қаблии глобалии марбут ба об андӯхта шуда, шурӯъ менамоем.

Мавриди зикр аст, ки дар ин самт тайи понздаҳ соли ахир Тоҷикистон саъю талошҳои муштаракро дар чаҳорчӯби татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди “Соли байналмилалии оби тоза, 2003”, Даҳсолаи байналмилалии “Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015” ва “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013” ҳамаҷониба тақвият бахшид. Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд.

Дар фарҷоми суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед карданд, ки иштирокдорони Конфронс бо истифода аз имконоти имрӯза дар таҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Даҳсолаи нав саҳми арзандаашонро хоҳанд гузошт.

Дар маросими ифтитоҳи кори Конфронс Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Луи Женмин, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн, Раиси иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдуллоҳ Абдуллоҳ, Ноиби Президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллер, Раиси Шӯрои иқтисодию иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид хонум Мария Чотардова, Раиси ниҳоди "Созмони Милали Муттаҳид - Об", Роҳбари Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ Ҷилберт Хунгбо ва Ёвари Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, ҳамоҳангсози ниҳоди назоратии масъалаи озуқаворӣ Герда Верберг суханронӣ карда, ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ва пешсафии он дар баррасии масоили глобалии вобаста ба об баҳои баланд доданд.

Дар ҷараёни кори Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” муроҷиати видеоии Мирослав Лайчак - Раиси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид намоиш дода шуд. Дар суханронии худ Раиси маҷмааи умумӣ оид ба оғози татбиқи даҳсолаи нави марбут ба оби тоза бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон ва ҳадафҳои созанда дар ин самт андешаронӣ намуда, ба иштирокчиёни конфронс барору комёбӣ орзу карданд.

Зимни суханрониҳои иштирокдорони воломақоми конфронс ташаббусҳои арзишманди Тоҷикистон, аз ҷумла пешниҳоди навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба эълони даҳсолаи нави байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” мавриди пуштибонии амиқ қарор гирифт.

**www.president.tj**

# ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ ШУЪБАИ ҶАРРОҲӢ ВА ЭҲЁИ БЕМОРХОНАИ МАРКАЗИИ НОҲИЯИ ШАҲРИСТОН



***24.06.2018 09:23, ноҳияи Шаҳристон***

Имрӯз дар доираи сафари кории худ ба вилояти Суғд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Шаҳристон ташриф оварданд.

Сарвари давлатро сокинон ва аҳли ҷамоатчигии ноҳия бо самимият ва меҳру муҳаббати беандоза истиқбол гирифтанд.

Дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода супоридани бинои нави Шуъбаи ҷарроҳӣ ва эҳёи Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳристон иштирок карданд.

Сарвари давлат бо шароит ва имкониятҳои ташхисиву табобатии бинои иловагӣ шинос шуда, бо ҳайати кории он аз наздик суҳбат карданд.

Тавре маълум гашт, бинои мазкур аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, ошёнаи якум аз шуъбаи наҷот, ҳуҷраҳои амалиёт, ҳуҷраи махсус барои хатнаи кӯдакон ва утоқҳои ёрирасон иборат аст. Дар ошёнаи дуюм бошад, ҳуҷраҳои ёрирасон ва ҳуҷраҳои алоҳидаи табобатӣ бо 34 кат мавҷуд аст.

Ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки дар маҷмӯъ бинои иловагии тозабунёд дорои 46 кат буда, дар баробари утоқу озмоишгоҳҳои соҳавӣ, ҳамчунин дорои ошхонаи муосир барои хизматрасонӣ ба беморону аёдаткунандагон мебошад. Сохтмони иншоот мазкур соли 2016 оғоз ёфта, то имрӯз бо ҷалби мутахассисони маҳаллӣ мутобиқ ба стандартҳои муосир бунёд ёфтааст.

Бино ба маълумоти масъулин, барои анҷоми корҳои сохтмонии бинои иловагии Шуъбаи ҷарроҳӣ ва эҳёгарӣ 2 миллион сомонӣ харҷ гардида, корҳои сохтмониро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Маҳорат" ва "Қасри замон" иҷро намуданд.

Таҷҳизоти муосири тиббӣ дар бинои иловагӣ аз ширкатҳои пешқадами ҷаҳонӣ харидорӣ шудаанд. Барои харидорӣ ва насби дастгоҳҳои тиббӣ беш аз 800 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Бунёди ин иншооти муосири тандурустӣ имконият медиҳад, ки ташхису табобати ниёзмандон минбаъд дар ҳудуди ноҳия ҷараён гирад.

Зимни боздид аз бинои иловагӣ ва суҳбат бо табибону кормандони соҳа, Пешвои миллат табибонро ба истифодаи дурусти имконияти фароҳамовардашуда, муносибату муомилаи хуб бо беморон ва иҷрои содиқонаи масъулияти доштаашон ҳидоят карданд.

**www.president.tj**

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ҒИЗОИ СОЛИМ ДАР ВОХӮРИИ САИДА УМАРЗОДА БО ГЕРДА ВЕРБУРГ




18 июни соли равон дар бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ оид ба “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Герда Вербург, Ёвари Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамзамон Ҳамоҳангсози “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” сурат гирифт.

Бояд таъкид кард, ки ташрифи Герда Вербург ба Тоҷикистон дар чорчӯбаи иштироки ин меҳмони олиқадр дар Конфронси байналмилалии “Об барои рушди устувор”, ки дар рӯзҳои 20-22 июн дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, сурат гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” ҳаракатест барои таҳкими ухдадориҳои сиёсӣ ва масъулият барои ин ухдадориҳо аз тариқи узвияти ихтиёрии кишварҳои аъзо ва шабакаҳои SUN.

Зимни суханронии худ хонум Герда Вербург аз имконияти ба Тоҷикистон омаданаш, дар маросими кушодашавии Конфронси байналмилалии “Об барои рушди устувор” суханронӣ карданаш ва аз имконияти бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ карданаш тавсиф намуд ва афзуд, ки Тоҷикистон дар масъалаи ҳалли мушкилоти норасогии ғизо ва солимии кӯдакон қадамҳои устувор гузоштааст. Дар баробари паст бурдани нишондиҳандаҳои қадпастӣ, лоғарӣ, камвазнӣ ва дигар оқибатҳои номатлуби норасогии ғизо дар байни кӯдакон, Тоҷикистон чанд масъалаҳои мубрами марбут ба ғизои дар пеш истодаро бояд ҳал намояд. Герда Вербург афзуд, ки мисоли Тоҷикистон дар паст кардани сатҳи қадпастӣ, лоғарӣ, камвазнӣ ва дигар оқибатҳои номатлуби норасогии ғизо дар байни кӯдакон бояд ба дигар кишварҳои аъзои “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” ҳамчун намуна ташвиқ карда шавад. Инчунин, дар давоми сухани худ Герда Вербург ба масъалаҳои пурзур намудани ҳамоҳангсозӣ дар байни идораҳои аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ оид ба “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)”, баргузор намудани Форуми байналмилалӣ оид ба ғизо, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои синамаконӣ, пешгирии зиёдвазнӣ, фарбеҳӣ ва камхунӣ, ҷалби намояндагони парлумон ба масъалаи ғизо, баланд бардоштани огоҳии сиёсатмадорон ва мутасаддиён вазоратҳо оид ба оқибатҳои номатлуби норасогии ғизо ва рушди ақлонӣ ва ҷисмонии кӯдакон ва ғайра аҳамият зоҳир намуд.

Дар навбати худ Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ оид ба “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” ба Герда Вербург барои ташрифашон арзи сипос намуда, дар идомаи суханронӣ вобаста ба дастовардҳои Тоҷикистон дар масъалаи беҳтар намудани дастрасии ғизо таъкид кард, ки Тоҷикистон дар соли 2013 аъзои “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” гардид ва дар айни замон Шӯрои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ оид ба “Ҳаракати глобалии васеъкунии ғизо (SUN)” вобаста ба таҳияи Нақшаи амали байнисоҳавӣ оид ба ғизо хело фаъол мебошад.

”Новобаста аз пастшавии сатҳи қадпастӣ дар байни кӯдакон, аз рӯи нишондиҳандаҳои “Тадқиқоти ваъзи микронутриентҳо дар Тоҷикистон” соли 2016 вазъи гирифторӣ ба камхунӣ чӣ байни кӯдакон ва чӣ дар байни занони қобили таваллуд баланд буда, ташвишовар мебошад.”- иброз намуд Саида Умарзода ва ҳамзамон таъкид намуд, ки; “ин масъала сабабҳои объективӣ ва субъективӣ дорад, чун маърифатнокии аҳолӣ дар бораи ғизои солим, дар бораи аҳамияти ғизо дар ҳазор рӯзи аввали ҳаёти кӯдак ва таҷрибаҳои тайёр намудани ғизои солим паст мебошад. Барои бартараф намудани ин камбудӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як қатор корҳоро бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд ба итмом расонид. Масалан, гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои журналистон оид ба аҳамияти ғизо, тадқиқоти ваъзи микронутриентҳо, таҳлили норасогии моддаҳои ғизоӣ, тадқиқот оид ба фарбеҳӣ, гузаронидани даҳаи синамаконӣ, баргузории Форумҳои миллии ғизо, таҳияи стратегияи ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ, стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ, лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғанигардонидашуда”, такмили барномаҳои таълимии колеҷҳо ва донишгоҳҳои тиббӣ бо масъалаҳои ғизо ва дигарон.”

Дар идомаи суханронии худ Саида Умарзода таъкид намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба аҳамияти 1000 рӯзи аввали тиллоии ҳаёт аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва дар ин раванд Форуми дуюми миллии ғизоро гузаронд ва дар айни замон машғули таҳияи стратегияи миллии коммуникатсионӣ оид ба “1000 рӯзи аввали тиллоӣ” мебошад.

Дар ҷаласа инчунин сардори Раёсати ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматулоев Шералӣ, сардори Раёсати ислоҳот, КАТС ва робитаҳои байналмилалии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исфандиёр Маҳмудзода, сардори Бахши модаршавии бехавфи Раёсати ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Юнусова ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

**www.moh.tj**

# ХИЗМАТРАСОНИИ РОЙГОНИ ТИББИИ «КОРВОНИ САЛОМАТӢ» БА БЕШ АЗ 3305 НАФАР СОКИНИ НОҲИЯИ РАШТ



Санаи 22 июни соли равон бо мақсади пешгирии беморшавии аҳолӣ ва баланд бардоштани фарҳанги тиббии ҷомеа дар доираи татбиқи ҳадафҳои бунёдии “Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023” “Корвони саломатӣ”-и навбатии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти шиори “Аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) гузар, аз солимии худ огоҳ бош” зери роҳбарии муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Одиназода Азиз Абдусаттор ба ноҳияи Рашт сафарбар гардид. Дар чорабинии мазкур мутахасисони ботаҷрибаи соҳа аз ҷумла, сармутахассисони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, роҳбарони муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявӣ, устодони баландпояи муассисаҳои олии таълимии тиббӣ ҷалб гардиданд.

Дар ҷараёни баргузории «Корвони саломатӣ» зиёда аз 3305 нафар сокинони ноҳияи Рашт аз хизматрасонии ройгони тиббӣ баҳравар гардиданд. Аз ҷумла 279 нафар аз ташхиси ВНМО ва 419 нафар аз ташхиси ултрасадоӣ гузаронида шуданд. Ҳамзамон зимни баргузории «Корвони саломатӣ» 80 кӯдак хатна карда шуда, ба 5 нафар кӯдак ҷароҳии ҷурраи модарзодӣ гузаронида шуда, 170 нафар ҷароҳии чашм карда шуданд. Аз миёни калонсолон низ 4 нафар ҷарроҳӣ гардиданд.

Қобили зикр аст, ки дар ҳайати корвони саломатӣ тамоми муассисаву сохторҳои тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории ВНМО”, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим”, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил”, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тиббии оилавӣ”, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии хун”, Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо” ва дигар зерниҳодҳои дахлдор ҳузур доштанд.



Ҳамзамон, барои шахсони маъюб вобаста ба шакли маъюбияташон 5 адад аробачаи маъюбӣ, 50 адад асо ва 8 ҷуфт пойафзоли ортопедӣ тақдим карда шуд.

**Иброҳим ЯТИМОВ**

# РУШДИ БОСУРЪАТИ БАХШИ ПАЙВАНДСОЗИИ УЗВУ БОФТАҲО ДАР КИШВАР

*Давомаш. Аввалаш дар саҳ.1*

хизматрасонии дастрас дар миқёси ҷаҳон мавқеи намоён дорад. Новобаста ба он ки ин марказ тозатаъсис аст, аммо тавонистааст, дар як муддати кӯтоҳ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварад ва дар бахши пайвандсозӣ пешгом гардад. Тавре муовини директори ин муассисаи давлатӣ Файзалӣ Мавлонов иброз дошт, айни ҳол марказ дар се самт: пайванди гурда ва ғадуди зери меъда, пайванди ҷигар ва пайванди мағзи устухон фаъолият намуда, дар он барои муолиҷаи беморон тамоми шароиту имкониятҳои муосир мавҷуданд. Ба гуфтаи номбурда, таҷҳизоту дастгоҳҳои марказ ҳамагӣ замонавиву гаронарзиш буда, аз пешрафтатарин молҳои истеҳсоли Олмон мебошанд ва пайваста аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмилу таҷдид мегарданд. Файзалӣ Мавлонов изҳор дошт, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранокии фаъолияти марказ пайваста мусоидат намуда, онро бо тамоми шароиту дастгоҳҳои лозимаву муосир таъмин менамояд ва ёдовар шуд, ки чанде пештар аз сӯйи вазорат як адад дастгоҳи эндовидеоҷарроҳӣ, ки тақрибан 1 миллион сомонӣ арзиш дорад, харидорӣ гардида, ба марказ тақдим карда шудааст. Дар мавриди дараҷаи тахассусии ҳайати кормандони муассиса номбурда қайд намуд, ки аксари онҳо ҷавон буда, новобаста ба ин, ҳама табибони дараҷаи олӣ ва аълочии тандурустӣ ҳастанд ва дар шаҳрҳои мухталифи кишварҳои дунё, аз ҷумла, дар Маскаву Санкт-Петербург, Боку ва ғайра бозомӯзӣ дидаанд.

Қобили зикр аст, ки аввалин ҷарроҳии пайвандсозии узв дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон” моҳи майи соли 2011 бо муваффақият амалӣ гардид, ки роҳро барои фаъолиятҳои минбаъда боз намуд. Ҳамин буд, ки аз соли 2012 муроҷиати шаҳрвандон, бавежа шаҳрвандони хориҷӣ ба марказ афзоиш ёфт ва то имрӯз зиёда аз 500 амали пайванд гузаронида шудааст. Танҳо дар соли гузашта 116 нафар ҷарроҳии пайванди хешовандии гурда, 30 нафар ҷарроҳии пайванди хешутабории ҷигар ва 3 нафар ҷарроҳии пайванди мағзи устухон карда шуданд. Ба гуфтаи муовини директори муассиса Файзалӣ Мавлонов дар ибтидои кор бештар шаҳрвандони ҳамсоякишвари Қирғизистон ва Федератсияи Россия барои муолиҷа муроҷиат мекарданд, аммо солҳои охир шаҳрвандони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Украина ва ҳатто шаҳрвандони кишварҳои дуре ба монанди Исроил, Испания, Лубнон, Аморати Муттаҳидаи Араб низ ба марказ рӯй меоранд. Айни замон дар ин маркази илмӣ 12 тан шаҳрванди хориҷӣ барои амали пайванд бистарӣ ҳастанд, ки аз онҳо 6 тан донори узв ва 6 тани дигар худи беморон мебошанд. Агар то 6 шаш соли пеш шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва кишварҳои ҳамсояву минтақа барои амали пайванд ба давлатҳои Аврупову Ҳиндустон мерафтанд, имрӯзҳо онҳо аз Муассисаи давлатии “Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон” шифо металабанд. Ба андешаи муовини директори муассиса Файзалӣ Мавлонов агар наздик будани марказ яке аз далелҳои рӯйоварии шаҳрвандон бошад, замонавию самаранок будани табобат, камназирӣ ва дастрас будани арзиши хизматрасониҳои тиббии марказ аз далелҳои дигари муроҷиати шаҳрвандони дохиливу хориҷӣ ба шумор меравад. Барои тақвияти андеша номбурда изҳор дошт, ки танҳо аз 2016 то ин ҷониб ба 200 нафар шаҳрванди хориҷӣ, аз ҷумла ба шаҳрвандони Федератсияи



Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҷарроҳии метаболитикии навъи дуюми диабети қанд гузаронида шудааст.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки муассиса дар бахши пайванди хешовандии ҷигар низ фаъол аст ва шумораи марказҳое, ки дар ин бахш



кор мекунанд, дар тамоми ҷаҳон танҳо 10-12 ададро ташкил медиҳанд, ки маркази тоҷикистонӣ яке аз онҳост. Тавре мудири шуъбаи эҳёи муассисаи мазкур Бозоралӣ Назаров иттилоъ дод, айни замон дар марказ ду тан шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бистарӣ ҳастанд, ки ҷарроҳии пайванди хешовандии ҷигарро паси сар намудаанд. Номбурда афзуд, ки онҳо 5 рӯз пеш аз ин ҷарроҳӣ шудаанд ва айни ҳол вазъи саломатияшон хеле хуб, натиҷаи ташхисоташон низ қонеъкунанда арзёбӣ мегардад ва аллакай фаъолона роҳ мегарданд. Дар мавриди муддати бистарӣ мондани беморон мудири шуъбаи эҳё иброз дошт, ки вобаста ба натиҷаҳои ҷарроҳиву ташхисҳо беморон бояд то 2 ҳафтаи баъди амали пайванд бистарӣ бошанд. Бозоралӣ Назаров дар бораи шароиту имкониятҳои шуъбаҳои марказ иттилоъ дода, қайд намуд, ки ҳамаи онҳо бо таҷҳизоту дастгоҳҳои заруриву муосир муҷаҳҳаз буда, имкони қабулу муолиҷаи бештари беморонро доранд. Мавсуф зикр кард, ки мутахассисони муассиса тавони дар як рӯз анҷом додани то 4 амали пайвандро доранд ва ёдовар гардид, ки онҳо танҳо рӯзи 22 июни соли равон 2 нафарро бо муваффақият барои пайванди хешовандии гурда ҷарроҳӣ намудаанд.

Шуъбаи навтаъсиси пайванди мағзи устухон низ ба пешрафтҳои чашмрасе ноил гардидааст. Ин шуъба ҳам монанди дигар шуъбаҳои Муассисаи давлатии “Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон” аз ҳисоби табибони дараҷаи олӣ ташкил ёфтааст ва ҳамаи кормандони ҳайати он дар кишварҳои хориҷаи дуру наздик аз курсҳои бозомӯзӣ гузаштаанд. Ба иттилои корманди шуъба, табиби дараҷаи олӣ Нуралӣ Ашӯралиев, ҳарчанд шуъба соли 2017 ба фаъолият оғоз намудааст, аммо ҳанӯз соли 2016 аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгоҳи гаронарзиши пайванди мағзи устухон - Spectra Optia, ки истеҳсоли Иёлоти Муттаҳидаи Амрикост, таъмин гардидааст. Номбурда афзуд, ки тамоми ҳуҷраҳои шуъба бо дастгоҳу таҷҳизоти лозимаву замонавӣ таъмин буда, ҳуҷраҳои беморон дорои шифтҳои ламинарӣ (яъне шифтҳое, ки боду ҳавои ҳуҷраро тоза нигоҳ медоранд) мебошанд ва барои суҳбат бо хешовандону наздикон дар назди кати ҳар бемор телефон насб шудааст. Тибқи иттилои Нуралӣ Ашӯралиев тӯли як соли фаъолият, яъне соли 2017 дар шуъба ба 3 нафар ҷарроҳии пайванди мағзи устухон амалӣ карда шудааст. Мавриди зикр аст, ки нишондоди нимсолаи авали соли ҷорӣ аллакай ба нишондоди солонаи соли гузашта баробар шудааст, яъне аз оғози соли 2018 то имрӯз аллакай ба 3 нафар ҷарроҳии пайванди мағзи устухон амалӣ гардидааст. Мавсуф қайд намуд, ки шуъба ба муолиҷаи бемории онкологӣ машғул буда, айни замон беморони онҳо танҳо бо роҳи аутотрансплантатсия (яъне пайванди мағзи устухон аз бемор ба худи ӯ) табобат мешаванд ва дар назар аст, ки дар ояндаи наздик ба табобат бо роҳи аллотрансплантатсия (пайванди мағзи устухон аз донор ба бемор) низ оғоз намоянд. Зикр гардид, ки арзиши хизматрасониҳои тиббӣ дар марказ дастрас буда, нисбат ба дигар давлаҳои хориҷа, ки барои чунин пайвандсозӣ на кам аз 20 ҳазор доллари ИМА талаб менамоянд, бамаротиб арзонтар аст.

Аз суҳбат бо табибону беморон ва ошноӣ бо вазъу шароити Муассисаи давлатии “Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон” муайян гардид, ки ҳанӯз қисмати бештари аҳолии кишвар аз мавҷудияту фаъолияти ин марказ ба далелҳои барои мо норӯшан огаҳӣ надоранд.

Мушкили дигар дар зеҳният ё худ менталитети мардуми мост, ки дараҷаи маърифати тиббияшон дар баъзе мавридҳо нигаронкунанда ба назар мерасад. Масалан, ҳанӯз мо одат накардаем ва натавонистаем бипазирем, ки узвҳои як хешованди ба марги мағзӣ гирифторшудаамон дар пайи иҷозаи мо метавонад ҷони то 10-12 нафарро наҷот диҳад. Ба гуфтаи муовини директори муассисаи мазкур Файзалӣ Мавлонов ҳанӯз боре иттифоқ науфтодааст, ки хешовандони шахси гирифтори марги мағзӣ ба гирифтани аъзои бемор иҷоза дода бошанд ва узвҳои он барои дигар беморон мояи наҷот шуда бошад. Номбурда таъкид дошт, ки ин таҷриба дар дигар кишварҳо собиқаи чандинсола дорад ва шояд замони он расидааст, ки дар кишвари мо низ мардум ба он рӯй оранд ва ба назари нек баҳо бидиҳанд.

**Эҳсон ТУРСУНОВ**

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ МИЛЛӢ ОИД БА ВНМО



Санаи 25 июни соли равон дар меҳмонхонаи «Hyatt Regency», воқеъ дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе, Конференсияи миллӣ оид ба масъалаҳои мубрами мубориза бо сирояти ВНМО (вируси норасоии масунияти одам) ва БПНМ (бемории пайдошудаи норасоии масуният) баргузор гардид.

Иқдоми мазкур бо ибтикори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи амалӣ намудани дастур ва супоришҳои бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккули роҳҳои нави самаранок ҷиҳати пешгирии паҳншавии сирояти ВНМО дар ҷумҳурӣ татбиқ гардид.



Дар кори Конференсияи миллӣ зиёда аз 120 нафар намоянда аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Тоҷикистон, масъулони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони як қатор вазорату идораҳо, ҷомеаи дин, мутахассисони соҳаи ВНМО аз муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд. Дар рафти баргузории чорабинии мазкур, ҳамзамон, роҳбарият ва намояндагони ташкилоту созмонҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Маврид ба таъкид аст, ки дар кори Конференсияи миллӣ, инчунин шахсони калидӣ аз ташкилотҳои байналмиллалӣ, ки дар ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ дар муқовимат бо сирояти ВНМО фаъолона мубориза мебаранд, мутахассисон ва коршиносон аз давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Аврупои Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳо иштирок намуданд.

Кори конференсияи мазкурро Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сухани ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшида, вобаста ба вазъи ин вабои аср ё худ ВНМО дар сайёра ва ҳолату дурнамои ин маризӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал баромад намуд.

Дар чорабинӣ маърӯзачиён оид ба масъалаҳои вазъи сироят ва мушкилоти вобаста ба ВНМО, аз ҷумла, муаммоҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни фаъолият ба миён меоянд, ҳадафҳои нав ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди сирояти ВНМО дар ҷумҳурӣ баромад намуда, нисбати ин ва дигар мавзӯъҳои соҳавӣ мубоҳисаву машварат сурат гирифт.

Дар рафти Конференсияи миллӣ қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эъломияи сиёсии СММ оид ба ВНМО ва БПНМ (солҳои 2001, 2006, 2011, 2016) пайрав буда, ба амалисозии Стратегияи Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМО ва БПНМ (ЮНЭЙДС) барои солҳои 2016-2021 «Пурзӯр намудани чорабиниҳо барои барҳамдиҳии эпидемияи БПНМ» шурӯъ кардааст. Ҳадафҳои асосии стратегияи мазкур ин барҳамдиҳии эпидемияи БПНМ дар сатҳи глобалӣ то соли 2030 мебошад.

Иштирокчиёни конференсия натиҷаҳои чорабиниҳоро оид ба муқовимат бар зидди эпидемияи ВНМО дар ҷумҳурӣ баррасӣ намуда, масъалаҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии ЮНЭЙДС-ро то соли 2020 дар Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор доданд.

Дар рафти баргузории конференсия, инчунин, дар ҳузури намояндагони васоити ахбори оммаи ватанӣ ва хориҷӣ нишасти матбуотӣ доир гардид. Нишасти матбуотиро муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирҳамуддин Камолзода роҳбарӣ намуда, дар рафти кори он Виней Салдана, директори ЮНЭЙДС дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, намояндагони Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон, сардорони раёсат ва роҳбарияту намояндагони муассисаҳои зертобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар кори нишасти матбуотӣ, рӯзноманигорон бештар ба масоили ҳадафҳои нав ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди сирояти ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва пайомадҳои ин маризӣ дар кишвар таваҷҷуҳ намуда, дар анҷоми чорабинӣ ба саволҳои худ аз шахсони масъул ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Дар рафти баргузории Конференсияи миллӣ қайд гардид, ки аз рӯи маълумоти расмии оморӣ соли 2017 дар ҷумҳурӣ 1207 ҳодисаи нави сирояти ВНМО дарёфт шуда, аз моҳи январ то моҳи марти соли 2018 321 ҳодисаи нави ВНМО муайян гардидааст. Тибқи иттилои мутахассисон, аз ҳар 3 ҳодисаи сироятёбӣ ба ВНМО 2 ҳодисаи сироят бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сурат гирифта, наздик ба 90 дарсади сироятёфтагон асосан дар синни репродуктивӣ (15- 49 сола) мебошанд. Шумораи гирифторони ВНМО соли равон 7 ҳазору 827 нафарро ташкил намуд, ки аз ин шумора 5 ҳазору 220 нафарашон бо табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шудаанд. Ба гуфтаи мутахассисон, ин намуди табобат солимии беморон ва бардавомии ҳаёти онҳоро дар давоми солҳои зиёд таъмин намуда, барои нигоҳдории қобилияти меҳнат ва пешгирии паҳншавии сирояти ВНМО дар ҷомеа заминаи мустаҳкам мегузорад.

Хотиррасон менамоем, ки Конференсияи миллӣ оид ба масъалаҳои мубрами мубориза бо ВНМО ва БПНМ субҳи 25 июн оғоз гардида, то шоми 26 июни соли равон идома меёбад. Дар кори чорабинӣ намояндагон аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони як қатор вазорату идораҳо, ҷомеаи дин, мутахассисони соҳаи ВНМО аз муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, роҳбарият ва намояндагони ташкилоту созмонҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд.

**www.moh.tj**

## Ба диққати масъулини вазорату идораҳо, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон ва шахсони дигари воқеию ҳуқуқӣ!

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП1059, бандҳои 4 ва 7 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2018, №5 ва Протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2018, №2к/39-24 бо мақсади ба ифтихори ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани корҳои ободонию бунёдкорӣ дар ҳар як деҳу маҳалли аҳолинишини мамлакат, лоиҳаҳои намунавии бинои синфхонаҳои иловагӣ, бунгоҳи тиббӣ, бинои маркази саломатӣ, таваллудхона, боғчаи кӯдакон, ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, сехи дӯзандагӣ, коргоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ, дигар корхонаҳои истеҳсолӣ ва майдончаҳои варзиширо таҳия намудааст.

Ҷиҳати интихоби лоиҳаи намунавӣ масъулини вазорату идораҳо, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон ва шахсони дигари воқеию ҳуқуқӣ метавонанд вобаста ба маҳал лоиҳаи зарурро интихоб намуда, барои дастрас намудани лоиҳаи кории он ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

Ҷойгиронии бинову иншооти интихобшуда дар маҳал тавассути корхонаҳои фаръии Корхона воҳиди давлатии “Лоиҳакаш”-и Кумита, ки дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо фаъолият менамоянд, амалӣ карда мешаванд.

Барои дастрасии маълумоти иловагӣ шахсони масъул метавонанд ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш.Хусейнзода, 36, почтаи электронии info@tajsohtmon.tj ва ё сомонаи tajsohtmon.tj муроҷиат намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-26-63, 93-723-99-99



# Т А Б Х О Л

Табхол яке аз бемориҳои маълуму маъмулест, ки дар ҷомеаи мо ба сабабҳои пайдоишу инкишоф ва роҳу усулҳои пешгирии он таваҷҷуҳи вежа зоҳир намегардад. Одатан мардум ба табхол ҳамчун беморӣ назар намекунанд ва пайдоиши онро ҷиддӣ намегиранд. Тавре аз номаш ва он гуна, ки дар байни ҷомеаи суннатии тоҷик маълум аст, табхол дар натиҷаи таб кардан ба вуҷуд меояд. Қисмате аз мардум пайдоиши табхолро ба тарсу ваҳм низ рабт медиҳанд, яъне ба дидгоҳи ин гурӯҳ табхол бар асари дидани кобусҳо дар хоб ё аз чизе сахт тарсидан пайдо мешавад. Гузашта аз ин ҳадсу дидгоҳҳо, мехоҳем таърифу дидгоҳи илми тибро дар мавриди табхол пешниҳоди хонанда намоем.

Назарияву амалияи тиб маълум намудааст, ки табхол танҳо як холи дар натиҷаи таб ба вуҷудомада нест, балки гурӯҳи бемориҳои вирусиест, ки ҳангоми онҳо дар пӯст ҳасба ва обилачаҳо пайдо мешаванд.

### Сабабҳои беморӣ

Манбаи сироят ба табхол шахси бемор ё ҳомили вирус мебошад. Вирус бо роҳи тамос мегузарад. Сабабҳои асосии пайдоиши табхол беҳад хунук хӯрдан (аксари ҳолатҳои беморӣ ба мавсими хунуки сол рост меояд), суст шудани қобилияти муҳофизатии организм, гиповитаминоз ва дигар омилҳо махсуб меёбанд. Табхол бештар вақт дар натиҷаи бемориҳои сироятии дигар (зуком, пневмония, вараҷа ва ғайра) пайдо мешавад. Табхоли муқаррарӣ дар мавсими гармо, дар аснои аз тафси офтоб гарм шудани одамон сар мезанад.

### Табхоли муқаррарӣ

Бо вируси табхоли муқаррарӣ ҳанӯз аз давраи ширхорагӣ сироят ёфтан мумкин аст, аммо беморӣ ба сабаби масунияти модарзодии кӯдак сар намезанад. Дар охири соли якуми ҳаёт масуният кам гашта, ҳангоми номусоидии шароит беморӣ метавонад инкишоф ёбад. Вируси табхоли муқаррарӣ ба организм роҳ ёфта, тамоми умр дар он ҷо мемонад, яъне ба истилоҳи дигар бигӯем, ба худ ҳолати ҳомилии музмин мегирад . Табхоли муқаррарӣ одатан дар лаб, параҳои бинӣ, луобпардаи даҳон, чашм, узвҳои таносул ва ғайра ба шакли обилачаҳои шаффоф зоҳир мегардад. Пеш аз пайдоиши обилаҳо пӯст каме мехорад ё сӯзиш мекунад, баъзан табларза, беқувватӣ, ихтилоли роҳи меъдаю рӯдаҳо (бахусус, дар кӯдакон) мушоҳида мешавад. Баъзан узвҳои дарунӣ ва системаи асаби кӯдакони хурдсол осеб ёфта, дар чунин ҳолат таби кӯдак баланд мегардад. Одатан, пас аз 7 – 10 рӯз обилачаҳо мехушканд, дар ҷойи онҳо муваққатан доғи сурхча ё хокистарранг боқӣ мемонад. Баъзан табхол пас аз муддати кӯтоҳ, одатан, боз дар ҳамон ҷойи баромадааш пайдо мешавад, ки инро дар тиб табхоли дубора меноманд.

### Табхоли фарогир

Табхоли фарогирро вируси обакон ба вуҷуд меорад. Ба он фақат калонсолон гирифтор мешаванд; дар кӯдакони то 10 сола ин беморӣ вонамехӯрад, аммо онҳое, ки бо ашхоси гирифтори табхоли фарогир алоқа доранд, мумкин аст бемори обакон шаванд. Ангезандаи табхоли фарогир нафақат пӯст, балки системаи асабро низ хароб мекунад; аз ин рӯ аломатҳои аввалини он дарди асабест, ки вирус ба он зарар расондааст (масалан, дарди байни қабурғаҳо, рон, сар). Пас аз чанд рӯз он ҷойҳои пӯст, ки асаби иллатӣ мегузарад (одатан дар як тарафи бадан), газак гирифта варам мекунанд, обилаҳои аввал шаффоф ва баъд мадданок, баъзан хундор пайдо мешаванд. Лимфагиреҳҳои ҳамшафат варам карда, ҳарорати бадан баланд мегардад, ҳолати умумии бемор тағйир меёбад. Аз рӯзи 6 – 8-ум сар карда обилаҳо хушкида, карахш мебанданд; баъди 2 – 5 ҳафта бемор шифо меёбад. Дар одамони кӯҳансол ва камқувват дарди асабҳо дергоҳ боқӣ мемонад.

Табхолро духтур муолиҷа мекунад. Ҳангоми сабук гузаштани табхоли муқаррарӣ ва дар лабу параҳои бинӣ пайдо шудани обилачаҳо (агар ҳолати умумии бемор бетағйир монад) бо мақсади пешгирии вирусҳо ба обилаҳо рӯзе 1 – 2 маротиба маҳлули метиленӣ ё марҳами оксалинӣ мемоланд. Агар ҳасба дар узвҳои таносул, чашм ва даҳон пайдо шуда, ҳолати умумии бемор тағйир ёбад, инчунин, дар мавриди такроран бемор гаштан, муолиҷа бояд дар зери назорати доимии духтур давом кунад. Беморони табхол бояд либоси гарм пӯшанд, аз сармо эҳтиёт шаванд. Онҳое, ки гирифтори табхоли фарогиранд, дар давраи авҷи беморӣ бояд бистарӣ гарданд. Хӯроки онҳо бояд сервитамин (махсусан витамини B) бошад. Ҳангоми осеб ёфтани луобпардаи даҳон даҳонро тез-тез мечайқонанд.

### Пешгирии табхол

Тавре аз баррасии мавзӯъ аён гардид, табхол як бемории зудгузару сабук набуда, балки бемории вирусиест, ки шоёни таваҷҷуҳ ва муолиҷаи саривақтӣ мебошад. Барои пешгирии беморӣ обутоби организм, хосса, организми кӯдакон ва мувофиқи мавсими сол пӯшидани либос маслиҳат дода мешавад. Барои аз бемории обакон эмин доштани кӯдакон, онҳоро аз маризи табхоли фарогир дур нигоҳ доштан зарур аст.

"ШИФО"

# ДАЛЕЛҲОИ АҶИБИ ТИББӢ

### Phonagnosia

Phonagnosia бемории аҷибу нодирест, ки ҳангоми он инсон садои одамонеро, ки намебинад, наметавонад бишносад. Барои ин гурӯҳи одамон ҳамаи овозҳо яксон садо медиҳанд, ки дар натиҷа онҳо имкон надоранд бо телефон суҳбат намоянд, зеро наметавонанд ҳатто садои наздиконашонро бишносанд. То моҳи январи соли 2009 табибон чунин мешумориданд, ки ин гуна ҳолатҳо танҳо бо беморони рух медиҳанд, ки зарбаи апоплексикиро паси сар намудаанд, аммо пасон зане дар беморхона бистарӣ гардид, ки бо ин беморӣ таваллуд шудааст.



Аҷобаташ ин аст, ки одамони гирифтори бемории Phonagnosia оҳангнокии садо ва эҳсосоти ҳамсуҳбатро хуб дарк мекунанд, аммо ба кӣ тааллуқ доштани онҳоро наметавонанд муайян намоянд.

### Шоха дар шуш

Артём Сидоркини 28-сола чанд муддат аз дарди ҷонкоҳе дар қафаси сина ранҷ мекашид, ки саранҷом ӯро маҷбур сохт, то ба табибон муроҷиат намояд. Табибон ба ин хулоса омаданд, бемор гирифтори омоси бадсифат аст, ки дар яке аз зинаҳои охирин қарор дорад. Дар акси рентгенӣ бошад, табибон доғи 5-сантиметраеро мушоҳида намуданд ва қарор доданд, ки нoвобаста ба надоштани умеде бар комёбӣ, беморро ҷарроҳӣ кунанд.

Ҳангоми ҷарроҳӣ як чизи боварнокардание рух дод – вақте табибон ба қафаси синаи бемор расиданд, онҳо дар шуш шохаи арчаро диданд, яъне ҳеҷ гуна саратон мавҷуд набуд, шушҳо поку гулобӣ буданду дар он як шохаи боварнокарданӣ. Шарҳи ин рухдод хеле душвор аст, аммо ягона шарҳи эҳтимолӣ ин аст, ки бемор ҳангоми убури ҷангали дарахтони сӯзанбарг ҳини бӯйкашии шохаи арча муғҷаи нашвии онро бо нафас фурӯ бурдааст.



Дар умум, ҳама хуб ба поён расид ва бемор шод аз он буд, ки гирифтори саратон набудааст. Ростӣ, соли 2007 ба ин монанд рухдоди дигаре сурат гирифт, ки табибон ҳангоми ҷарроҳии як кӯдаки даҳмоҳаи чинӣ дар тани ӯ дастаи алаферо пайдо намуданд, ки аз офтобпараст рӯйидааст.

"ШИФО"



# ГӮШРО ЭҲТИЁТ БОЯД КАРД!

Дар баробари дигар узвҳо гӯш низ яке аз узвҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Пас бояд ба қадри ин неъмат расида, онро эҳтиёт кард. Ҳар садое, ки аз сатҳи гуфтугӯи муқаррарӣ баланд бошад, он аллакай барои гӯши шумо вазнинӣ меорад. Садои нақлиёт, мусиқии баланд, садои мошинаи дарздӯзӣ ва ё ҷомашӯию чангкашак, агар дуру дароз бошад, ба каршавии бармаҳали гӯш сабаб мешавад. Шавқуну мағал на танҳо гӯшро вазнин, балки шахсро хастаю асабӣ месозад Агар аз садои баландтар аз 65 детсибел тапиши дил вайрон шуда, набз номуътадил бизанад, садои 80-90 детсибел метавонад ба тахикардия, яъне дилзании ногаҳонӣ оварда расонад.

Инсон ҳамагӣ садои 20-30 детсибелро қабул мекунад, садои аз ин зиёд ба узви сомеа таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, дар ҷашнҳои арӯсӣ, кинотеатрҳо, толорҳои консертӣ ва дар бисёр ҷойҳое, ки шабнишиниҳо баргузор мешаванд, мусиқии бисёр ҳам баланд мемонанд, ки садояш аз 100 детсибел зиёд мебошад ва ҳамин садои баланд оҳиста-оҳиста ба узви сомеа таъсир карда, сабабаи дар гӯш пайдо шудани садои бегона, шунавоии паст ва сарчархзанӣ мешавад, ки дар натиҷа ба каршавӣ оварда мерасонад. Гӯши инсон инфрасадо-овозҳои басомадашон пастро қариб ки фарқ намекунад, вале маҳз хамин навъи садо метавонад боиси дарди гӯш ва ё сутунмуҳра гардида, гардиши хунро халалдор созад. Аз ҷумлаи манбаъҳои инфрасадо мошинҳое мебошанд, ки бо суръати 100 километр/соат ва ё зиёда аз он ҳаракат мекунанд.

Инсон назм дорад ва назми ҳар як инсон дар кор кардани ҳар як узви ӯ дида мешавад. Аз он ҷумла, агар мо ба як мусиқашифойӣ ворид шавем, гуфта метавонем, ки худи инсон як ансамбле ҳаст, ки иборат аст аз мусиқаҳои гуногун, аз он ҷумла, кори дил мусиқаест монанди садои доира, шуши инсон, нафаси инсон ба най ва дигар узвҳои инсон ҳатто мижазании инсон ҳам як мусиқае ҳаст, ки агар дар он мусиқаҳо назм ё худ ритм вайрон шавад, мо ӯро ҳатто беморӣ меҳисобем. Аз ин бармеояд, ки пас, ба воситаи назми мусиқӣ ба кори дуруст ворид сохтани узвҳо имкон дорад, вале агар ба нодуруст истифода бурдани мусиқӣ рӯбарӯ шавем, он гоҳ мусиқӣ метавонад, ки назми узвҳои инсонро нодуруст кунад ва ба фаъолияти майнаи сар зарари калон бирасонад. Барои ҳамин, баланд гӯш кардани мусиқӣ метавонад сабаби нороҳатии майнаи сар шавад. Имрӯзҳо дар фиттафурӯшиҳову наклиёт мусиқии баланд зиёд ба гӯш мерасад. Оё ин ба фурӯшанда ё ронанда зарар надорад? Албатта на яку якбора, балки оҳиста-оҳиста метавонад ба каршавӣ оварда расонад.

Узви сомеа бо дилу ҷигар ва дигар узвҳои даруна алоқамандии зич дорад ва бино бар ин, дар ҳолати осеб дидани он кори дилу асаб халал ёфта, дилзанву бехобӣ мушоҳида мешавад. Вазнинии гӯш ба ирсият низ вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, бо боло рафтани синну сол қобилияти шунавоӣ низ паст мегардад. Бемориҳои варами гӯши миёна, зуком, менингит низ дар бисёр мавридҳо ба қувваи сомеа таъсири манфӣ мерасонанд. Дар зимн бояд хотиррасон намоем, ки зиёд ва бо ҳар гуна ашё кофтани гӯш низ оқибати хуб надорад ва метавонад ба сӯрохшавии пардаи он сабаб шавад. Тавсия дода мешавад, ки дар сурати дуруст нашунидани сухани мусоҳиб, мушкилшавии гуфтугӯ бо телефон ва пайдо шудани хоҳиши баланд кардани садои телефону радио зуд ба духтури бемориҳои гӯш муроҷиат намоед, зеро маълум аст, ки шумо мувофиқи меъёр дуруст шунида наметавонед. Ҳоло бештари ронандагон дар наклиёти мусофиркаш садои мусиқиро баланд мекунанд, бехабар аз он ки онҳо бо ин амали худ ба асаби атрофиён таъсир расонида, ба солимии худ ва атрофиён зарар меоранд. Шояд далелаш ин бошад, ки аллакай худи онҳо садои муқаррариро хуб шунида наметавонанд, вале зарари рафторашон ба мусофирон дучанд мерасад. Дар баъзе корхонаҳо, сехҳо фабрикаҳо ва дар макони шабнишиниҳо андозаи садо зиёда аз 100 детсибел мебошад. Нафароне, ки дар чунин корхонаҳо кору фаъолият менамоянд, бояд таҳти назорати духтур бошанд ва дар муддати дусе сол табобати муайян бигиранд, чунки дар онҳо на танҳо ношунавоӣ, балки харобшавии асаб низ дида мешавад.

Замоне омадааст, ки фарҳанги садоро низ бояд риоя кард ва аз дод задан, фарёд кардан ва баланд гап задан парҳез намуд. Истифода аз фанновариву васоити муосир низ қоидаву меъёр ва фарҳанги худро дорад. Тавсия дода мешавад, ки ҳангоми шунидани мусиқӣ тавассути гӯшиҳо садои миёна интихоб гардад ва замони шунидан низ набояд ба соатҳо тӯл кашад. Хонандаи азиз, бикӯшед, ки гӯши худро эҳтиёт намоед, зеро эҳтиёт беҳтару бартар аз табобат аст!

**Зайнаб АНВАРӢ**



## САЙРИ НАФАҚАХӮРОНУ МАЪЮБОНИ ПОЙТАХТ ДАР ОСОРХОНАИ АДАБИИ С.АЙНӢ

Ба муносибати “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар асоси “Нақша-чорабиниҳои Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе дар соли 2018” ташкили саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва тамошои манзараҳои нотакрори кишвар идома дорад.

Санаи 20 июни соли равон 30 нафар бошандагону кормандони Марказ ва гурӯҳи ҷавонони дастёр меҳмони Осорхонаи адабии сардафтари адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки соли равон Осорхонаи адабии устод С.Айнӣ аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таъмиру тармим гардида, даромадгоҳу шафати берунии он азнавсозӣ карда шудааст, ки хеле назаррабоянд.

Дар рафти саёҳат иштирокчиён аз толори меҳмонон, хуҷраҳои корӣ, китобхона ва намоишгоҳи тухфаҳо дидан намуданд.

Сармуҳофизи осорхона М.Табарова оиди ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ, сафарҳои устод Садриддин Айнӣ ва таърихи ташкили осорхонаи адабии ӯ маълумоти муфассал дод.

Дар толори воҳӯриҳо, дар фазои самимии солхӯрдагони зиёии ботаҷриба нишасти ҷамъомадагон баргузор гардид, ки бо хотираҳо, нақлҳои аҷиб, қайд дар дафтари меҳмонони осорхона ва аксгирии хотиравӣ анҷом ёфт.

**“ШИФО”**



## ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОНА-ИНТЕРНАТИ “БАТОШ” ДАР ТАМОШОИ БОҒИ ИРАМ

Таваҷҷуҳи давлату ҳукумати кишвар, хосса таваҷҷуҳу ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати солхӯрдагону ятимон ва маъюбон ба андозаи кофӣ афзун аст.

Ба шарофати ҳамин сиёсатҳои хайрхоҳона ҳоло тамоми марказу муассисаҳои нафақахӯрону маъюбон ва хона-интернатҳо дорои шароитҳои заруриву замонавӣ буда, дар остонаву рӯзи таҷлили ҳар иду маросим ва рӯзҳои ҷашнӣ ба як макони базму шодӣ мубаддал мешаванд. Яке аз намунаҳои барҷастаи гуфтаҳои боло чорабинии фарҳангӣ-фароғатиест, ки ба наздикӣ дар Боғи Ирами пойтахт баргузор гардид.

Санаи 23 июни соли ҷорӣ бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ ва “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” бо ташаббуси Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе ва дастгирии Ширкати холдингии “Барқи тоҷик” чорабинӣ баргузор гардид, ки зимни он истиқоматкунандагони хона-интернати “Батош”-ро ба тамошои Боғи Ирам бурданд.

Иштирокчиён аз гулу дарахтон ва иншоотҳои муҳташами боғ дидан намуда, аз тамошо хотироти рангину таассуроти амиқ бардоштанд.

Баъд аз анҷоми саёҳат дар боғ, иштирокчиён бо яхмосу оши палав меҳмондорӣ карда шуданд.

**“ШИФО”**



# ХАРДАЛ

Хардал (ба лотинӣ – Sinapis) растании яксолаи алафӣ мебошад, ки онро ҳар шахси заминдор метавонад парвариш намояд. Ба забони русӣ онро горчица меноманд. Барги ин гиёҳ монанди баргҳои турб, вале аз он майдатар, шахшӯл ва андак тундбӯй аст. Пояаш чоркунҷа, гулаш зард, тухмаш гирдаи сурхи тундтамъ аст. Ин растанӣ навъҳои саҳрой ва бӯстонӣ дорад. Дар тиб навъи бӯстонӣ, яъне боғии он корбурд мешавад, ки баъд аз кӯфтан зардоб мегардад. Мизоҷаш дар дараҷаи чорум гарм ва хушк аст.

Хардал дорои чандин хислатҳои шифобахшист ва дар тибби мардумӣ васеъ истифода мешавад. Муаллифи «Ихтиёроти бадеӣ» гуфтааст, ки шукуфаи пӯсте, ки бо ҳеч даво илоҷпазир нагашта бошад, чун баъд аз ҳаммом кардани бемор хардалро сойида, тайёр намуда, аввал шукуфаро бо матои дағал то хунолуд гаштанаш бимоланду пасон хардалро ба он бимоланд, аз он зардоби бисёр равон мешавад ва сиҳат меёбад. Хардалро дуд кунанд, аз он ҷо ҳашарот ва ҷонварони зарарнок мегурезанд. Ҳакими машҳур Розӣ гуфтааст, ки хардалро дар сӯрохи мор бирезанд, боиси ҳалокати он мегардад.

Гузашта аз гуфторҳои бузургон, ин ҷо хислатҳои дигари шифобахшии хардалро батафсил қайд менамоем. Агар хардалро бихӯранд, бемориҳои сарди вобаста ба ҳолати майна ва бодии монанди: лисарғус (летаргия), фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), суст ва нотавон гаштани узвҳо ва дарди сари аз хунукӣ ба ҳам расидаро шифо мебахшад, сӯрохи бандшудаи сари биниро мекушояд, назлаҳои сардро манъ мекунад, ҳамаи даҳ ҳисси баданро равшан ва бурро мегардонад, зеҳнро тез мекунад, иштиҳоро қувват медиҳад, дарди ҷигар ва сипурзро сокин мекунад.

Мӯйи сарро тарошида, баъд хардалро хамир карда гузошта ба сар банданд, лисарғусро шифо мебахшад, назлаи хунукро манъ мекунад; агар онро бо асал хамир карда, ба пешонӣ гузошта банданд, дарди сарро таскин медиҳад ва назлаҳои пайдарпайро манъ месозад, дарди ҷигар ва сипурзро низ сокин мегардонад.

Агар кӯфтаи хардалро дар бинӣ бирезанд ё бо найча ба дарунаш пуф кунанд, каси саръгирифта ва беҳушро ҳушёр мекунад; бачадони хафашударо, ки гоҳ-гоҳ бемораш беҳуш мегардад, шифо мебахшад.

Хардалро дар об ҷӯшонида, худро ба бухораш бидоранд ва аз шамол хӯрдан эҳтиёт шаванд, гиреҳҳои рагҳоро дар даруни гӯш мекушояд. Кӯфтаи хардалро бо об ва асал даромехта, ба чашм кашанд, пардаеро, ки чашмро торик мегардонад, дафъ мекунад ва дағалии пилкҳои чашмро нарм ва ислоҳ мегардонад.

Хардалро дар об ҷӯшонида, ба он об асал даромехта, дар чашм чаконанд, шабкӯриро ба ислоҳ меоварад; дар гӯш ва ба дандон бичаконанд, дарди луққосӣ ва дарди дигари ҳар дуи ин узвро таскин медиҳад. Чун тухми тари онро кӯфта, оби онро фишурда, хушк намоянд ва баъд маҳин ос карда, чун сурма ба чашм кашанд, ҳамаи бемориҳои чашмро шифо мебахшад ва пайдо шудани ҳар гуна намудаҳоро дар он дафъ мекунад. Тухми онро бо анҷир якҷо кӯфта, чун шамъча сохта, дар гӯш гузоранд, дард ва ҷаранги онро дафъ месозад. Хардалро чун орд ос карда, бо шаҳдоб (асалоб) даромехта, бо он ғарғара кунанд ва ё онро дар даҳан бигардонанд, варами таги забон, гаронӣ ва сусту нотавон гаштани онро шифо мебахшад; дарди дандонро таскин медиҳад, дағалии роҳи нафасро, ки куҳна шуда бошад, ислоҳ мекунад. Агар хардалро батанҳоӣ бихоянд, балғамро бо воситаи даҳан ихроҷ мекунад. Агар инро кӯфта бимоланд, дарди луққосии дандон ва дардҳои дигари онро, ки бидуни варам бошанд, ҳамон дам таскин медиҳад. Кӯфтаи хардалро бо асал ё бо чарбу ё бо муми занбӯри асал дар оташ гудохта, бо равғани зайтун даромехта, ба чеҳра бимоланд, ранги рӯйиро соф мегардонад ва агар инро ба чашм бимоланд, хуни хобрафтаи онро дафъ месозад.

Агар хардалро бо асал даромехта бихӯранд, дамкӯтаҳӣ ва сурфаи тарро шифо мебахшад, боҳро қавӣ мегардонад; агар бо пудина ва шароб даромехта бихӯранд, танг (хафа) шудани бачадонро, ки гоҳ-гоҳ беҳушӣ меоварад, шифо мебахшад, кирмҳои меъдаро хориҷ месозад. Инро нимкӯфта бо об бихӯранд, таби балғамӣ ва савдовиро сиҳат мебахшад ва ҷаранги гӯшро, ки сабабаш моддаи ғафси часпак бошад, ба ислоҳ меоварад. Агар инро бо анҷир якҷо кӯфта гузошта банданд, иллати ниқрисро (подагра), ирқуннасо (радикулит)-ро шифо мебахшад ва ба ҷойҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш мӯй мерӯёнад; моддаҳои дохилиро ба рӯйи пӯст мекашад, дарди аз боди сард ба амаломадаро таскин медиҳад; варамҳои балғамии куҳнаро дар ҳар узве, ки бошад, мегардонад; бо сирко хамир карда гузошта банданд, шукуфаи пӯстро, ки куҳна шуда бошад, шифо мебахшад; агар бо сиканҷабин ва гӯгирд ё бо сиканҷабину карами тоҷикӣ сиришта гузошта банданд, ханозерро бо як аҷобате таҳлил медиҳад. Агар хардалро бо барги гулихайрӣ якҷо кӯфта гузошта банданд, варамҳои сахт ва савдовиро мегардонад; бо решаи хушки ҷадвор якҷо карда, гузошта банданд, песро нест мекунад.

Агар 20 грамм тухми хардалро бо шароб ба дили наҳор бихӯранд, боҳро қувват мебахшад. Инро бо нон ё бо шароб даромехта бихӯранд, кирми меъдаро дафъ мекунад. Гиёҳ ва тухми онро бо таом бихӯранд, таомро ҳазм ва меъдаро гарм мегардонад, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Агар инро пухта ва ё барги тарашро бихӯранд ё тухмашро бо лаблабу ва тугмачагули даштӣ пеш аз қай кардан бихӯранд, балғамро аз дарун ҷудо намуда, барои дафъ кардан тайёр месозад. Инро бардавом бо лаблабу пухта бихӯранд, барои иллатҳои саръ ва сиёҳ задани чашм, ки аз ҷамъ шудани балғам дар мағзи сар бошад, дармон мешавад.

Аз хардал обкома низ тайёр мекунанд, ки тунду тезмазза, хӯрданаш гудозанда ва поккунандаи балғам мегардад; меъда ва ҷигарро гарм мегардонад; агар ҳамеша инро ва батанҳоӣ ҳам биёшоманд, меъда ва ҷигарро гарм мегардонад; бо ғизоҳои душворҳазм тановул намоянд, ҳамин тавр таъсир мебахшад — ин гуна зарарашро бо хӯрдани коснӣ, бодом ва сирко ислоҳ метавон кард. (Обкома — ин нонхӯришест, ки аз ҷуғрот, тухми испанд, хамиртурши хушк ва сирко тайёр карда мешавад ва агар ба ин хардал ҳамроҳ намоянд, хислатҳои номбурдаро пайдо мекунад).

Бояд гуфт, ки хардал ба одамони гарммизоҷ зарар дорад, яъне ташна мекунад. Дар ин ҳолат коснӣ, равғани бодом ва сирко биёшоманд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз кӯфтаи хардал то 10,5 грамм аст. Дар истеъмоли хардал пеш аз ҳама бояд мизоҷҳо, намудҳои беморӣ, вақти мувофиқ, яъне обу ҳаво ва мавқеи ҷуғрофии маҳалро риоя кард. Агар хардалро дар оби ангур бияндозанд, ҷӯшидани онро манъ месозад, яъне май ва сирко гаштани онро монеъ мешавад.

Аз хардал бо ин тарз равған тайёр мекунанд: Тухми хардалро ҳар қадар, ки хоҳанд, гирифта, нимкӯфта, ба он каме оби гарм бипошанд ва бо қуввати тамом ба ҳар тариқ, ки хоҳанд, бифишоранду ҳамаи равғанашро биситонанд. Агар пеш аз кӯфтан тухмашро панҷ-шаш соат дар об тар кунанд, баъд фишурда равғанашро бигиранд, инчунин беҳтар мешавад, агар дар ин амал зарфи мисии қалъагӣ давондаро ба кор баранду он зарфро ба рӯйи оташ молида гарм карда, камтар набот дохил намуда, бифишоранд, равған бештар ва беҳтар бармеояд. Равғани хардалро биёшоманд, гиреҳи асабҳоро мекушояд, нисёнро (фаромӯшхотирӣ) дафъ мекунад; фолиҷ, дардҳои сарди куҳна, табҳои куҳна ва танг (хафа) шудани бачадонро ба ислоҳ меоварад. Агар равғани хардалро нимгарм дар гӯш чаконанд, гаронии гӯшро ислоҳ мекунад, инчунин варами гӯшро, ки сабабаш хунукӣ бошад, таҳлил медиҳад. Агар бимоланд, барои дарди дандон, танг шудани бачадон дармон мешавад, дардҳои куҳнаро таскин медиҳад, инчунин варамҳои сахт ва дигар варамҳои сардмизоҷро мегардонад. Миқдори як бор хӯрдан аз равғани хардал дар як рӯз то 10,5 грамм аст.

**"ШИФО"**




*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир

**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир

**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир

**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир

**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Фазила Яфталиева** - директори Маркази матбуоти вазорат

●

**Сармуҳаррир**
**Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ:**
**Компрони Абдуназар**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Суғдмеҳри Маъруфзод**
**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**

●

**Ҳафтанома таҳти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.**

●

**- Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.**

**- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.**

**- Маводҳо дар шакли электронӣ дар ҳаҷми на камтар аз 2 саҳифа, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.**

●

Ҳафтанома дар ҶДММ "Мега - принт" ба табъ мерасад.
Теъдоди нашр
5000 нусха

**Нишонӣ:**
**734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02, (+992) 934466442**